# ПРОТОКОЛИ № 33 –и

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

аз 27 сентябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз рӯи ихтисос 3 нафар доктори илм

аз 27 сентябри соли 2025, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.) ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 баргузор гардид.
Вақти анҷоми ҷаласа:15:35.
**Раис:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М.
**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2023, № 18/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташуаро баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.
Тарафдор -11 нафар. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.
Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Каримов Шуҳрат Бозорович - доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон».

**Муқарризони расмӣ:**

**Мухторов Зайнидин Мухторович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.

**Раҳмонова Дилрабо Искандаровна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич.
2. Котиби илмии Шуро: Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна.
3. Унвонҷу: Орзузода Парвина Ҷамолидин

Диссертант Орзузода Парвина Ҷамолидин оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Шаҳло Раҳмоновна, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимов Олимҷон Ҳабибович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Матробиён Саодатшо Қосимзода ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Каримов Шуҳрат Бозорович шунида шуд.
Баромади муқарризони расмӣ:

1. **Мухторов Зайнидин Мухторович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷмент дар шаҳри Душанбе.
2. **Раҳмонова Дилрабо Искандаровна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев Саидбой

2. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна
3. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ
4. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ диссертант ҷавоб дод. Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев Саидбой, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Джамирова Леммара Иосифовна ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои Шуро 11 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 11, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Орзузода Парвина Ҷамолидин** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**аз 27. 09. 2025** **ш. Душанбе**

Баромади Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» - аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, баромади муқарризони расмӣ – Мухторов Зайниддин Мухторович - доктори илмҳои филологӣ, профессор. Ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба

номи Мирзо Турсунзода, муқарризони ғайрирасмӣ, доктарони илм, профессорон Шербоев Саидбой, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, Гулназарзода Жило Бӯрӣ ва Турсунов Фаёзҷон Мелибоевичро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Орзузода Парвина Ҷамолидин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Орзузода Парвина Ҷамолидин дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба Орзузода Парвина Ҷамолидин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Тарафдор – 11 нафар. Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

27-уми сентябри соли 2025